**ҚАРОРИ**
**Шӯрои диссерсионии 6D.КОА-022 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 08.04.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Шамшоди Ҷамшед дар мавзӯи **«Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ – **Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – **Олимӣ Хосият Ҳоким,** муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон Хоҷаев Давлатбек, Сулаймонов Саидраҳмон, Мамадназаров Абдусалом, Мисҳобиддини Нарзиқул, Раҷабов Ҳабибулло шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Шамшоди Ҷамшед

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Шамшоди Ҷамшед дар мавзӯи **«Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Шамшоди Ҷамшед дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Шамшоди Ҷамшед дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филологияро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯроидиссертатсионӣ,
доктори илмҳоифилологӣ,профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.